*«Тасдиқ мекунам»*
*ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»*
*__________ профессор Усмонзода А.И.*
*«09» январи соли 2024*

**ХУЛОСАИ**
**КАФЕДРАИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИКИ ФАКУЛТЕТИ ЗАБОНҲОИ ШАРҚИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»**

Диссертатсияи унвонҷӯ Мансурӣ Замира Мирзоализода таҳти унвони «Мақоми тазкираи «Музаккири аҳбоб»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар омӯзиши адабиёти Мовароуннаҳри асри XVI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01.-Адабиёти тоҷик. Равобити адабӣ) дар кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети Забонҳои шарқи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба иҷро расид.

Мансурӣ Замира Мирзоализода хатмкардаи факултети Филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз рӯи ихтисоси филолог (2012) буда, муштараквазифа дар вазифаҳои муаллими калони кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русии Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи иктисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» (2021-2022) ва дар вазифаи муовини Раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Суғд (2021 то ҳол) фаъолият дорад. Ӯ пайваста бо корҳои илмӣ машғул буда, дарсҳояшро дар сатҳи баланд мегузарад, дар корҳои ҷамъиятӣ низ фаъол аст. Барои фаъолияти пурсамараш бо сипосномаҳои Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши вилояти Суғд, Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, Кумитаи Маркази Ҳизби

Халкии Демократии Тоҷикистон ва Ифтихорномаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд қадр карда шудааст.

Рисолаи унвонҷӯи кафедра З.М. Мансурӣ таҳти унвони «Мақоми тазкираи «Музаккири аҳбоб»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар омӯзиши адабиёти Мовароуннаҳри асри XVI» дар кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети Забонҳои шарқи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (роҳбари илмӣ – номзади илмҳои филология, дотсент М.З. Шарипова) таълиф ва ба дифоъ омода гардидааст.

***Мақсади таҳқиқ.*** Мақсади таҳқиқи рисола нишон додани аҳаммияти омӯзиши «Музаккири аҳбоб»-и Нисории Бухороӣ байни тазкираҳои дигар, сохту таркиби он, сабку салиқа ва тарзи нигошти тазкира, хусусиятҳои сабти шарҳи ҳоли шуаро дар тазкира ва ба ин восита баҳо додан ба равандҳои адабӣ, илмӣ ва рушди адабиёт дар ҳавзаи адабии Мовароуннаҳр дар замони муаллифи асари мавриди таҳқиқ аст.

***Вазифаҳои таҳқиқ.*** Дар меҳвари таҳқиқоти мо масъалаҳои зерин қарор гирифтаанд:

-баррасии шарҳи ҳол ва осори илмиву адабии Хоҷа Ҳасани Нисорӣ;

-таҳқиқи сабку сохтори тазкираи «Музаккир аҳбоб»;

-баррасии принсипҳои рӯзгоршиносии шуарои камшинохтаи Варорӯд;

-муайян кардани арзиши адабӣ ва илмии «Музаккири аҳбоб» дар раванди тазкиранигорӣ;

-таҳқиқ дар масоили тазкиранависии тоҷикӣ дар Осиёи Миёна дар асри XVI;

-таҳқиқ ва муайян кардани масоили таъсирпазирӣ ва таъсиргузории тазкираи Нисорӣ.

***Асосҳои назариявии таҳқиқот.*** Зимни навиштани рисола муаллиф барои тақвият бахшидани назариёт ва андешаҳои худ аз китобу рисолаҳо ва усули тадқиқоти олимони варзидаи ватаниву хориҷӣ, мисли Аҳмад

Гулчини Маонӣ, Саид Нафисӣ, Алиризо Нақавӣ, Тавфиқ Субҳонӣ, Э.Браун, Е.Э.Бертелс, А.Н. Болдирев, А.Мирзоев, З.Аҳрорӣ, Р.Ҳодизода, Х.Шарифов, А.Насриддин, А.Сатторзода, З.Ғаффорова, У.Назиров, М.Шарипова ва дигарон баҳрагирӣ кардааст.

***Аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқот.*** Аҳаммияти назарии рисола дар он аст, ки бори аввал зиндагиномаи Ҳасанхоҷаи Нисорӣ – орифу суханвару тазкиранигори машҳури асри XVI, осори ӯ, арзиши адабии тазкираи «Музаккири аҳбоб», сохтор ва муҳтавои он, қиёси усули таснифу тадвини он бо тазкираҳои пешину баъдӣ ва ба ин восита, муайян кардани мақоми тазкираи мазкур дар таърихи тазкиранависии форсӣ-тоҷикӣ ва саҳми китоб дар таҳаввули адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дар Мовароуннаҳр ба қалам омадааст. Таҳқиқоти мо дар ин самт барои муаррифии «Музаккири аҳбоб» ва муаллифи он аз кӯшишҳои ҷадид ба ҳисоб рафта, дар рисола хусусиятҳои сабкиву сохтории асар, вежагиҳои маълумоторӣ, арзиши илмиву адабии асари мазкур, нақши он дар рушди иншои тазкираҳо ва монанди инҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур барои таълифи китобҳои дарсӣ аз таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, назарияи адабиёт, курсҳои махсуси «Сарчашмашиносӣ», хондани дарсҳои назарӣ, машғулиятҳои амалӣ, таълифи рисолаҳои илмӣ, дипломӣ ва корҳои курсӣ муфид аст.

***Навгонии илмии таҳқиқот.*** Дар диссертатсия бори аввал ба таври ҷомеъ мақом ва арзиши яке аз тазкираҳои асри XVI – «Музаккири аҳбоб» ба риштаи таҳқиқ кашида мешавад, ки дар ин таҳқиқ дар гирди сабку сохтор ва назароти муаллифи тазкира ба рӯзгор ва осори шуаро, забони асар, мақоми он дар таърихи тазкиранависӣ, таъсирпазирӣ ва таъсиргузории он дар ин раванд баҳс меравад. Дар пажуҳиши сохторшиносонаи тазкира, пеш аз ҳама таъйини масоили робитаҳои адабӣ, шуарои зуллисонайн, шахсият ва дараҷаи маърифати шоир ва тарзи баҳогузории Нисорӣ ба ин никот ба назар гирифта шудааст. Зимнан бар муаррифии шарҳи шоирони ҳавзаи адабии Варорӯд бештар

тамаркуз шудааст. Ҳамчунин, шахсияти адабӣ ва ирфонии Нисории Бухороӣ дар заминаи осори худи ӯ ва таҳқиқоти дар ин поя суратгирифта баррасӣ шуда, аҳаммияти осори гаронқадри адабӣ, илмӣ ва ирфонии муаллифи фавқуззикр низ таъкид мегардад. Инчунин, барои пурра нишон додани роҳҳо ва заминаҳои пайдоиш ва ташаккулёбии тазкираҳои асрии асил мухтасаран ба таърихи нигошт ва усули тазкиранигории тоҷик дар асри XVI ҳавзаи адабии Варорӯд, бархе масоили дастабандии тазкираҳо ва амсоли ин низ таваҷҷуҳ гардид ва дар мавридҳои муайян маълумоти «Музаккири аҳбоб» бо маълумоти дигар тазкираҳо бо усули қиёсӣ санҷида шуд.

***Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:***

1. Баррасии таърихи мухтасари таҳаввули тазкиранигории тоҷик дар асри XVI нишон медиҳад, ки ҳавзаи адабии Мовароуннаҳр яке аз конунҳои асосие мебошад, ки фанни мазкур дар ин ҷо рушд кардаву бар худ шаклҳои нав гирифтааст;

2. Нисории Бухороӣ, ки муаллифи тазкираи «Музаккири аҳбоб» мебошад, дар тарвиҷи адабиёти форсии тоҷикӣ дар ин ҳавзаи нақши муҳим дошта, аз худ мероси адабӣ ва илмии зиёде ба мерос гузоштааст. Шинохти ҷиҳатҳои гуногуни осори илмӣ ва адабии Нисории Бухороӣ масоили анъанаҳои назму насри замон ва майдонҳои адабии онро ошкор месозад.

3. Нишон додани мақоми тазкираи «Музаккири аҳбоб»-и ӯ дар таърихи тазкиранигории форсии тоҷикӣ, ки дар баробари анъанаҳои тазкиранависиро идома додан, бо сохтори ҷадид аз иддаи зиёди китобҳои ҳамгуни худ фарқ мекунад ва маҳз ҳамин вежагиро асоси кори Нисорӣ муаррифӣ мекунад, заминаи нигаришҳои тозаро дар тазкирапажӯҳӣ ба миён меорад.

4. Таҳлили хусусиятҳои сабкии тазкира, ки ба чанд бахш ҷудо мешавад, фарогири арабиёт, насри масҷуъ ва маснуъ, санъатҳои мухталифи сухан, корбурди ашъор мебошад ва хосиятҳои забонии асарро рӯнамо мекунад. Инчунин, вежагиҳои хоси тасвир, ки вобаста ба

ном, куния, касб, шуғл ва мақоми шоири мавриди зикр дар тазкира аст, аз ҷумлаи шохисаҳои сабкии китоби таҳқиқшудаистода аст.

5. Баррасии арзиши адабии тазкира, нишон медиҳад, ки «Музаккири аҳбоб» баробари ҳамчун сарчашмаи дасти аввал дар шинохти вазъи адабии Мовароуннаҳри замонаш будан, аз якчанд арзишҳои дигар, аз ҷумла таҷассуми равандҳои адабӣ, чун назирасароӣ, адабиёти зуллисонайн, тарвиҷи шеъри маснуъ, таърихгӯӣ, баррасии ҷудогонаи осори шуаро ва ғ. бархурдор аст.

6. Таҳқиқи сарчашмаҳои тазкира маълум кард, ки Нисорӣ дар иншои китоби худ аз ду навъ сарчашма ба кор гирифтааст, ки яке кутуби тазкира, чун тазкираҳои пеш аз он ва дигаре китобҳои таърихномаву ҷуғрофиву диниву амсоли ин, ки бевосита дар ягон маврид ба онҳо ва ё матолиби онҳо ишора шудааст.

7. Хусусиятҳои таъсиргузории «Музаккири аҳбоб» ҳам бевосита дар шарҳи ҳоли шуаро ба ин ё он китоб камтар сурат гирифта, бештар аз нигоҳи сохторӣ ва бандубаст он дар раванди тазкиранигории варорӯдӣ таъсиргузор аст.

***Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.*** Диссертатсия дар кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети забонҳои шарқи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба иҷро расида, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мо бо шиносномаи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01.-Адабиёти тоҷик. Равобити адабӣ) мувофиқат мекунад.

Дар гирдоварии маводи таҳқиқ, навиштани мақолаҳо ва маърӯзаҳо доир ба мавзуи таҳқиқот зоҳир мегардад. Ҳамчунин, аз муайян кардани мақсад ва вазифаи таҳқиқот, объекти таҳқиқот, гузориши масъалаҳои меҳварии таҳқиқот, таҳлилу баррасии маълумоти сарчашмаҳо ва коркарду баррасии маълумоти бадастомада иборат аст. Масъалагузории назариву методологӣ ва хулосаҳои рисола натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи довталаб ҳастанд. Нуктаҳои диссертатсия дар

конференсияҳои байналмилалӣ (2023), минтақавӣ (2021) конференсия ва семинарҳои илмию методии донишгоҳӣ (2021-2022) ироа гардидаанд.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия:**

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

**[1-М].** Мансурӣ, З.М. "Осори Хоҷа Ҳасани Нисорӣ" / З.М. Мансурӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ / (ISSN 2413-516X). – Душанбе: Сино, №8. 2023. – С. 221-230.

**[2-М].** Мансурӣ, З.М. "Баррасии сохтори "Музаккири аҳбоб"-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ" / З.М. Мансурӣ // Суханшиносӣ. Маҷаллаи Институти забон ва адабиёти Академияи милии илмҳои Тоҷикистон. Бахши адабиётшиносӣ / (ISSN 2308-7420). – Душанбе: Рӯдакӣ, №2. 2022. – С. 89-96.

**[3-М].** Мансурӣ, З.М. "Баҳсе дар рӯзгори шоир ва тазкиранигор Нисории Бухороӣ" / З.М. Мансурӣ // Суханшиносӣ. Маҷаллаи Институти забон ва адабиёти Академияи милии илмҳои Тоҷикистон. Бахши адабиётшиносӣ / (ISSN 2308-7420). – Душанбе: Рӯдакӣ, №4, 2023. – С. 195-204.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

**[4-М].** Мансурӣ З.М. "Музаккири аҳбоб"-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ / З.М. Мансурӣ // Фаслномаи илмӣ-адабӣ. Нашрияи МД "Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ". / (ББК 83.3(2)Т, УДК 8 Т 2, Ф – 42) – Хуҷанд: Хуросон, №4. 2021. – С. 134-136.

**[5-М].** Мансурӣ З.М. "Ҷойгоҳи арабият дар тазкираи "Музаккири аҳбоб"-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ" / З.М. Мансурӣ //Пешвои миллат ва рушди илм дар Тоҷикистон (маводи конфернесияи ҷумҳуриявӣ таҳти унвони "Пешвои миллат ва рушди илм дар Тоҷикистон", ба ифтихори 145-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон, бунёдгузори адабиёти муосири

тоҷик устод Садриддин Айнӣ ва бахшида ба Рӯзи илми тоҷик) / (ТДУ 327 ТКБ 66.4). -Хуҷанд: Ношир, 2023. – С. 478-484.

[6-М]. Мансурӣ З.М. “Хоҷа Ҳасани Нисорӣ-шоир” / З.М. Мансурӣ // Фаслномаи илмӣ-адабӣ. Нашрияи МД “Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ”. / (ББК 83.3(2)Т, УДК 8 Т 2, Ф – 42) – Хуҷанд: Хуросон, №2 (34). 2023. – С. 33-19.

[7-М]. Мансурӣ, З.М. “Consideration of Peculiarity of one Style Entitled as “Muzakkiri Ahbob" by Nisori (on the Example of the Place of the Belles-Letters Arts Called Saj` and Tansiq-us-sifot)” / З.М. Мансурӣ // Академическое издательство “Научная артель”. Научный журнал «In situ» / (ISSN (p) 2411-7161, ISSN (e) 2712-9500). – Москва: Некрасова, №8. 2023. – С. 32-35.

Кори диссертатсионии унвонҷӯ З.М. Мансурӣ дар мавзуи «Мақоми тазкираи «Музаккири аҳбоб»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар омӯзиши адабиёти Мовароуннаҳри асри XVI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01.-Адабиёти тоҷик. Равобити адабӣ) ҷавобгӯи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муаллифи он шоистаи дараҷаи номзади илмҳои филология мебошад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети Забонҳои шарқи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» бо иштироки устодони кафедраи номбурда, кафедраи забони англисӣ, кафедраи филологияи араб, кафедраи грамматикаи забони арабӣ ва кафедраи забони форсӣ ва хитоии факултети Забонҳои шарқ қабул шудааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 10 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 10, «зид» - 0 , «бетараф» -0.

Суратҷаласаи № 5-юм, аз «28»-уми декабри соли 2023.

*Мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети Забонҳои шарқи МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», доктори илмҳои филология:* *Очилова М.И.*

*Маълумот барои тамос:*
*Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*вилояти Суғд, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков 1,*
*тел. (+992) 92 9000095*
*E-mail: ochilova.86@mail.ru*

*Котиби ҷаласа:* *Раҳматова Ш.Р.*

Имзои *Очилова М.И.* ва
*Раҳматова Ш.Р.*-ро тасдиқ мекунам:

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ-и «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»** **Наврузов Э. М.**

*Маълумот барои тамос:*
*Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков 1.*
*Тел.: (+992) 928057007*
**E-mail:rayosati_kadr@mail.ru**